“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

_______________Файзулло М. Қ.

«_26_»___априли___ 2024

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзуи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология). Душанбе, 2024.**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 8-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-035 барои ҳимояи диссертатсияҳо чиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърихи назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 04.04.2024 с. Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯ Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна муассисаи пешбар таъин гардида буд.

Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар доираи нақшаи панҷсолаи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон № 9, аз 24 апрели соли 2024 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: 6 нафар доктори илмҳои таърих, 9 нафар н.и.т., дотсент, инчунин муаллимони калон, унвонҷӯёни кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Пирумшоев Мунир Ҳайдаршоевич омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Муҳтавои диссертатсия дар мавзуи *«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»* ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ** дар он асоснок карда шудааст, ки то имрӯз дар таърихнигорӣ оид ба ба хусусиятҳои хоси этнографии тоҷикони рушонӣ, хусусан оид ба ҷашну маросимҳои онҳо таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Баробари ин, эҳё намудани ҷашну маросимҳо, анъанаҳо, урфу одатҳои миллӣ ба яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилии Ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфтааст, аз ин лиҳоз таҳқиқоти илмии диссертант мутобиқи талаботи сиёсати ҳукумати мамлакат мебошад.

**Пойгоҳи манбаъвии** диссертатсияро манбаъҳои таърихӣ, маводӣ бойгонӣ ва маводе, ки диссертант ҳангоми таҳқиқоти саҳроӣ ҷамъоварӣ намудааст, ташкил медиҳанд.

**Объекти таҳқиқ** бошад масъалаи ҷашну маросимҳои миллӣ-этникии тоҷикон ҳамчун меҳвари асосӣ дар муҳтавои диссертатсия ҷой гирифта, предмети таҳқикро таҳлили ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон дар бар мегирад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ** таҳлил ва омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон, назар ба гузаштаи масъала ва

муқоисаи он бо ҳолати имрӯза, муайян намудани сатҳи дигаргуншавӣ дар қайдкунии ҷашнҳо ва гузарондани маросимҳои мардумии рушониён аз охири асри XIX то замони муосир мебошад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии рушониён таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар бо ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои тоҷикони Рушон маҳсуб мешаванд.

**Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳамияти он** аз он иборат аст, ки унвонҷӯй дар асоси маъхазҳо, таҳқиқи саҳроӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкур таҳқиқ кардааст. Дар ҳамин асос сарчашмаҳои зарурирро таҳлил намуда, хулосаҳои шахсиро баён намуда, ки натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқи мустақими унвонҷӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудааст, ки дар он асос ва натиҷаҳои таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

**Сохтори диссертатсия** муқаддима, аз се боб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи коркард, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он таъкид мешавад, инчунин манобеъ, навгонии илмии таҳқиқот ва муқарраротӣ асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудааанд.

Боби якуми диссертатсия ***"Ҳисоби вақт ва идҳои тақвимӣ-анъанавӣ"*** ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум ***"Маълумоти таърихӣ - ҷуғрофӣ оид ба Рушон"*** оид ба таърих ва ҷуғрофияи Рушон маълумот дода мешавад.Дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар доираи илмӣ асосан муҳаққиқон ва

сайёҳони русу англис дар асри XIX, оид ба таърих ва ҷуғрофияи Рушон маълумоти муфассалтар пешниҳод намудаанд. Диссертант менависад, ки мувофиқи ахбори муҳаққиқи рус И. Минаев Рушон аз нигоҳи ҷуғрофӣ ва маъмурӣ-сиёсӣ ба се ҳавза ҷудо мешавад: 1) Вамар, дар соҳили рости дарёи Панҷ; 2) Пои Хоҷа, дар соҳили чапи дарёи Панҷ; 3) водии Бартанг. Диссертант менависад, ки дар натиҷаи баста шудани шартномаи соли 1895 байни Британия ва Россия Рушон ба се қисм тақсим гардида, соҳили рости дарёи Панҷ ба аморати Бухоро, соҳили чапи дарёи Панҷи Рушон ба тасарруфи Афғонистон даромад, мавзеи Рошоров ва деҳоти атрофи он бошад бо номи волости дуюми Рушон ба ҳайати вилояти Фарғонаи Генерал-губернатории Туркистон шомил шуд. Имрӯз Рушон яке аз ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар зербоби дуюми боби якум ***“Тақвими тоҷикони Рушон”*** масъалаи тақвимҳои мардумии тоҷикони Рушон баррасӣ гардидааст. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки рушониҳо низ мисли тоҷикони бархе минтақаҳо тақвими махсуси худ – ҳисоби вақт аз рӯи қисмҳои бадани одам, доранд, ки он бо ҳаракати солонаи офтоб асос ёфтааст. Вақтро аз рӯйи ҳаракати офтоб ва мавсиму ҳастии хоҷагидорӣ (зироаткорӣ ва чорводорӣ) муайян мекарданд. Ҳисоби тақвимӣ аз рӯйи қисматҳои бадани инсон ба он асос ёфтааст, ки гӯё офтоб муттасил ба воситаи тамоми бадани одам мегузашт. Мувофиқи ин ҳисоби сол аз ду силсила (сикл) иборат буд: сикли аввал - аз пой то ба сар, дуюм - аз сар то ба пой.

Хулоса, дар ҳаёти кишоварзону чорводорони Рушон тақвим нақши асосӣ бозӣ карда, тамоми расму маросим, ҷашн ва анъанаҳои рушониён тибқи он сурат мегирифт.

Дар зербоби сеюми боби аввал ***“Ҷашну идҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои онҳо”*** идҳои анъанавии тоҷикони Рушон таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки тоҷикони кӯҳистон, аз ҷумла рушониён, як қатор хусусиятҳои архаистии ҷашну маросимҳои

миллии тоҷиконро ҳифз нигоҳ доштаанд. Ҷашни якуми тақвими рушониён ин «Офтоб дар мард» мебошад, ки ба охири моҳи январ рост меояд. Ҷашни дуюм Батаём мебошад, ки дар Рушон соли нав ҳисоб мешуд. Ҷашни навбатӣ Наврӯз буда, онро дар Рушон «*Ўатinď*» меноманд. Баробари ҷашнҳои мардумӣ боз рушониҳо идҳои мусулмонӣ – Рамазон ва Қурбонро қайд менамоянд. Иди дигаре, ки рушониён қайд мекарданд ва имрӯз аз байн рафтааст, он *« иди чоршанбе»* номида мешуд.

Хулоса, дар Рушон мардум ҷашнҳои анъанавӣ ва мазҳабиро бо хусусияти хоси маҳаллӣ ҷашн мегиранд.

Боби дуюми диссертатсия ***"Ҷашну маросимҳо вобаста ба хоҷагидорӣ"*** ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби аввали боби дуюм ***"Ҷашну маросимҳои кишоварзӣ"*** масъалаи ҷашнҳои кишоварзии рушониён таҳқиқ гардидааст.Дар диссертатсия зикр шудааст, ки яке аз ҷашнҳои кишоварзони рушонӣ *тухмибарорӣ* мебошад. Дар ин ҷашн пеш аз кишту кор дуо хонда, ба ҳомии зироатчигӣ «Бобои деҳқон» мурочиат менамоянд. Дар байни кишоварзони рушонӣ обмонии аввал ба зироат низ муҳиммияти хос дошта, ҷашни махсусро қайд мекарданд. Дар Рушон Наврӯзи тирамоҳ – рӯзи эътидоли тирамоҳии офтоб (21 – 22 сентябр)-ро ҳам ҷашн мегирифтанд.

Хулоса, ҷашну маросимҳои кишоварзии мардуми Рушон аз ҷашни *Oftob dar mard* ибтидо гирифта, то ба Наврӯзи тирамоҳ ҷамъбаст мегардиданд.

Дар параграфи дуюми боби дуюм ***"Ҷашнҳо, урфу одат ва маросимҳои чорводорӣ"*** расму русум ва одатҳои чорводории сокинони Рушон таҳқиқ гардидааст.

Диссертант менависад, ки баробари кишоварзӣ дар ҳаёти рушониён чорводорӣ низ нақш дошта, ба айлоқ гусел кардан ҷашни хусусияти занона дошта он имрӯз қисман дар деҳоти болои Бартанг риоя мешавад. Баъди аз айлоқ бозгаштан ва ҷамъ овардани ҳосил дар Рушон иди

махсусро ҷашн мегирифтанд. Ҳамин тавр, чорводорони рушонӣ низ ҷашну маросимҳои хоси худро дошта, дар айни замон баъзе аз расму оин ва маросимҳои қадима қариб моҳияташро гум карда, аксарияти маросимҳо вобаста ба он иҷро намешаванд ё аз байн рафтаанд.

Боби сеюми диссертатсия ***"Маросимҳои доираи ҳаётии мардуми Рушон"*** ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум доир ба ***"Ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуд ва тарбияи кӯдак"*** маълумот оварда шудааст. Чун дигар минтақаҳои тоҷикнишин дар байни рушониҳо ҳам маросимҳо дар алоқамандӣ ба таваллуди кӯдак ва нигоҳубини он аз лаҳзаи фаро расидани вақти таваллуд оғоз мегарданд. Се рӯзи аввали баъди таваллуди кӯдак вақти муҳим аст, ки тифл ва модари ӯро аз ҳар гуна қувваҳои бадӣ ҳифз намоянд. Ҷашну маросими муҳим *гаҳворабандон* мебошад, ки он ҳодисаи муҳим дар ҳаёти ҳар инсон ба ҳисоб меравад. Баровардани аввалин дандон, аввалин қадамгузорӣ низ бо хурсандӣ қайд карда мешуд. Ба маросиму одате, ки ба таваллуди кӯдак марбутанд бори нахуст аз хона баровардани кӯдак ҳам шомил мешавад. Маросими дигар ин *«тарошидани мӯи сар»* мебошад, ки он дар вақти як солагиро пур кардани кӯдак доир карда мешавад.

Диссертант хулоса баровардааст, ки ҷашну маросимҳо вобаста ба таваллуди кӯдак ва тарбияи ӯ низ дар ҳаёти ҳаррӯзаи рушониён нақши муҳим бозӣ карда, дар таҷлили онҳо вақти муайянро риоя намуда, соати некро интихоб менамоянд.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия ***"Маросимҳо вобаста ба никоҳ ва тӯй"*** расму русуми рушониён оид ба никоҳ ва сур баррасӣ гардидааст.Аз рӯи мазмуни диссертатсия муайян мегардад, ки маросими тӯйи рушониён низ аз иҷро намудани чанд силсилаоину расм иборат мебошад. Давраи асосии маросими мазкур базми сурона ва бастани ақди никоҳ мебошад. Маросими хондани хутбаи ақди никоҳ низ хусусиятҳои

хоси худро дорад. Баъди бастани акди никоҳ, халифа соати некро барои баргаштан ба хонаи домод интихоб намуда, онро муайян менамояд.

Ҳамин тавр, дар баргузории маросимҳои тӯёнаи рушониҳо муҳиммият доштани интихоби рӯзи нек, вақту соат барои рӯзи тӯй ва бастани акди никоҳ шарт будааст.

Дар зербоби сеюми боби сеюм ***"Маросимҳои марг ва азодорӣ"*** расму русум вобаста ба марг ва азодории мардуми Рушон маълумот дода мешавад. Аз таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян мегардад, ки дар Рушон ниҳоди махсуси мурдашӯён ва ниҳоди навҳагарӣ дар ҳаққи марҳум вуҷуд надорад. Ин амалҳоро хешони наздик иҷро менамоянд. Дар шаби дуюм баъди дафн одамон дар хонаи марҳум барои маъракаи *«чарогравшан»* ҷамъ мешаванд. Дар давоми се рӯз дар хонаи марҳум таом намепазанд ва дар давоми аз як то ду сол дар ин хона тӯю маъракаҳои дигар гузаронида намешавад.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф бахри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки унвонҷӯй дар таърихнигории ватанӣ ва илми этнография бори нахуст шуда, оид ба ҷуғрофияи таърихии ноҳияи Рушон, тақвимҳои анъанавӣ, ҷашнҳои анъанавии мардумӣ ва маросимҳои вобаста ба онҳо, ҷашну марсимҳо вобаста ба таваллуд ва тарбияи кӯдак, маросимҳои тӯёна, маросимҳои марг ва азодории тоҷикони Рушон дар шакли том таҳқиқи илмӣ анҷом дода, хулосаҳои дақиқи илмӣ пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти калон доранд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих

ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи ***«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»*** мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба диссертатсия худ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои зудислоҳшаванда ба назар мерасанд:

1. Унвончу дар “Муқаддима” бахши “Марҳила, макон ва давраи таҳқиқ” давраи таҳқиқро охири асри XIX ва ибтидои XXI унвон мекунад. Аммо дар “Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ” маъхазҳои ин давра таҳқиқу таҳлил нашуданд.
2. Дар “Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқ” бошад, унвонҷу фақат аз олимони рус ёдрас шудасту халос. Номгуи сарчашмаҳо ва таҳлили онҳо дида намешавад. Ҳол он ки диссертатсия ба мавзуи мардумшиносӣ бахшида шудааст, овардани сарчашмаҳо ва таҳлили онҳо ҳатмӣ ва зарур аст.
3. Дар зербоби якуми боби аввали кор диссертант дар таърихнигории ватанӣ, оид ба таърих ва ҷуғрофияи Рушон маълумоти хеле хуб медиҳад. Аммо масъалаи зулму ситами афғонҳо нисбати мардуми Рушон дар солҳои 1883-1893 ва таъсири манфии тақсимоти марзии соли 1895 дар диссертатсия нишон дода нашудааст.
4. Дар диссертатсия тақвими анъанавии тоҷикони Рушон бо тақвими тоҷикони дигар минтақаҳо дар сатҳи зарурӣ муқоиса нашудааст.

5. Муаллиф ҳангоми қайди баъзе ҷашнҳо, аз ҷумла - чавгонбозӣ маълумоти хуби илмӣ медиҳад, зеро ки имрӯз ин бозӣ мутаассифона аз байн рафтааст. Барои ҳамин зарур мебуд, ки дар қисми хотимавии диссертатсия оид ба эҳё намудани бозии мазкур пешниҳоду тавсияҳои худро меовард.
6. Дар матни диссертатсия камбудиҳои ҷузъии техникию имлоӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои овардашуда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо хусусияти тавсиявӣ ва зудислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро бартараф намояд.

Бо ҳамин, дар рафти навишти диссертатсия унвонҷӯй пас аз омӯзиши маъхазҳо, адабиёти илмии соҳавӣ, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ ва мушоҳидаи ҳаррӯзаи ҳаёти рушониён мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кардааст. Диссертатсия аз маълумоти илмӣ оид ба этнографияи тоҷикони кухистон хеле бой буда, натиҷаҳои илмии он аҳамияти калон доранд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи ***«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»*** ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан мутобиқ буда, муаллифи он – Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз тарафи номзади илмҳои таърих, дотсент Пирумшоев Мунир Ҳайдаршоевич омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи таърихи умумӣ ва ватании ДСРТ баррасӣ ва дар маҷлиси ҳамин кафедра ҷонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз – 20 нафар иштирокчиён: тарафдор – 20 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

(Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 9, аз 24 апрели соли 2024).

**Раиси ҷаласа, мудири**
**кафедраи таърихи умумӣ ва**
**ватании Донишгоҳи Славянии**
**Россия ва Тоҷикистон**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Раҳматова Заррина Юнусовна**

**Ташхисгар,**
**дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва**
**ватании Донишгоҳи Славянии**
**Россия ва Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои таърих** **Пирумшоев Мунир Ҳайдаршоевич**

**Котиби ҷаласа** **Маҳкамова Саёҳат Ғаниевна**

*Имзоҳои З. Ю. Раҳматова, М. Ҳ. Пирумшоев ва С. Ғ. Маҳкамова-ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДСРТ**

**“25” апрели соли 2024**

**Маълумот барои тамос:**
**743025** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30,
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,
**www.rtsu.tj**; E-mail: historia.rtsu@mail.ru; Тел: (992) 37 227-76-93